**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА - 028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ оид ба диссертатсия:**

1. Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович – диссертанти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

2. Дараҷаи дарёфт - номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ.

3. Мавзӯъ: "Хусусиятҳои лексикӣ- семантикӣ ва сохтории "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддини Фазлуллоҳ".

4. Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ – Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло - доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Комиссияи экспертии Шӯрои дисертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ дар хайати докторони илмҳои филологӣ Султонов М., Қосимов О., Ҳомидов Д. рисолаи номзадии Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамировичро аз назари мубрамии мавзӯъ, таҳлили илмии масоили матраҳшуда, хулосаю натиҷагириҳо ба сифати таҳқиқоти анҷомшудаи мукаммал ва мусбат меҳисобанд, зеро мавзӯи мазкур дар забоншиносии тоҷик бори аввал мавриди ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Диссертатсияи Хочамиров Муслихиддин Хочамирович ба баррасии "Хусусиятхои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории "Чомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддини Фазлуллох" бахшида шудааст. Махз ба таври диссертатсионӣ кор нашудани хусусиятхои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории "Чомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддини Фазлуллох, ба мухаккик имкон додааст, ки ӯ барои муайян сохтани мансубияти калимахо аз нигохи таърихию забонӣ, ошкор сохтани мавкеи калимахои аслии точикӣ, муайян намудани чойгохи вожахои иктибосии арабӣ ва туркию муғулӣ, гурӯхбандии калимахо ба категорияву кабатхои луғавӣ, муайян намудани мавкеи этнонимхо ва хусусиёти корбурди онхо, тахлилу баррасии вожагони асар аз рӯйи сохтор, муайян намудани ахаммият ва накши «Чомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллох дар ташаккули таркиби луғавии забони адабии точикиро ба сифати як тадкикоти алохида мавриди пажӯхиш карор дода, хулосахои илмии мушаххас пешниход намояд, ки то хол дар забоншиносӣ чунин кор анчом напазируфта буд.

Максад ва вазифахои тахкик, ки дар диссертатсия муайян гардидаанд, дар се боби он мавриди баррасӣ карор гирифтааст.

Навгонии тахкикот аз он иборат аст, ки бори нахуст рочеъ ба масъалаи тахкики хусусиятхои лексикӣ- семантикӣ" ва сохтории "Чомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддини Фазлуллох диссертатсияи алохида мавриди тахкик карор дода мешавад.

Ахаммияти назариявии диссертатсия дар он зухур меёбад, ки омӯзиш ва тахкики хусусиятхои лексикӣ - семантикӣ" ва сохтории "Чомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддини Фазлуллох барои тахлили вижагихои луғавию маънои ва калимасозии "Чомеъ-ут-таворих" аз як тараф, агар барои баррасихои забоншиносӣ зарур бошад, аз тарафи дигар, барои пажӯхиши хусусиятхои забони точикӣ-форсии асри XIII мусоидат хохад кард.

Ахамияти амалии тахкики диссертатсия дар он зохир мешавад, ки натоичи онро метавон дар тахия намудани грамматикаи таърихии забони

тоҷикӣ, тартиб додани луғатҳои тафсирӣ ва калимасозии забони тоҷикӣ ва, ҳамчунин, дар таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимии марбут ба грамматика ва таърихи забони адабии тоҷикӣ истифода кард.

Диссертатсия аз рӯйи методи таҷзия, таҳлил ва тасвири лингвистӣ иҷро шудааст. Ҳамчунин, дар кор аз равишҳои умумиилмии мушоҳида, шарҳдиҳӣ ва усулҳои махсуси таҳлили семантикию услубӣ, методи таҳлили лингвистии матни бадеӣ, таҳлили тафсири луғавӣ ва гоҳо методи таҳлили оморӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Равиши таҳқиқи диссертатсия бо усули диахронию синхронӣ низ сурат гирифта, дар мавридҳои лозимӣ аз усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ кор гирифта шудааст.

Диссертатсияи Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқ аст. Автореферат, 1 монография, 1 китобча ва 4 мақолаи илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд:

**I. Монография.**

[1-М] Хоҷамиров М. Х. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ. – Душанбе: ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – 124 с.

[2-М] Баррасии таркиби луғавии “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидуддини Фазлуллоҳ. – Душанбе, 2020, - 60 с.

**II. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тасдиқгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[1-М]. Хоҷамиров М. Х. Номи қавмҳо дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / М. Х. Хоҷамиров // Паёми ДМТ, серияи филологӣ. –Душанбе, 2017.– № 4/14. – С. 73-76.

[2-М]. Хоҷамиров М. Х. Қабатҳои лексикии луғати “Ҷомеъ-ут-таворих”- и Рашидаддини Фазлуллоҳ / М. Х. Хоҷамиров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019, №3, (80). - С. 43-45.

[3-М]. Хоҷамиров М. Х. Корбурди калимаҳои туркию муғулӣ дар "Ҷомеъ-ут-таворих"- и Рашидаддини Фазлуллоҳ / М. Х. Хоҷамиров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе, 2020, №3, (86). - С. 13-17.

[4-М]. Хоҷамиров М. Х. Калимасозии пасвандҳои – гоҳ ва – истон дар "Ҷомеъ-ут-таворих"/ М. Х. Хоҷамиров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020, №4, (87). - С. 55-59.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович "Хусусиятҳои лексикӣ - семантикӣ" ва сохтории "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидуддини Фазлуллоҳ" кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Ба ин асос, ин диссертатсияро барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ, ки дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тасдиқ шудааст, метавон ба ҳимоя иҷозат дод.

Аз шумораи умумии узви Шӯро рамзи ихтисоси муҳаққиқони зерин бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст:

– Султонов М. - доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон;

– Раҳматуллозода С. Р. –доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон;

– Қосимов О. Ҳ. – доктори илмҳои филологӣ, профессор;

– Ҳомидов Д. – доктори илмҳои филологӣ, дотсент;

– Мирбобоев А. – номзади илмҳои филологӣ, дотсент;

Комиссияи экспертӣ тавсия менамояд, ки ба сифати муқарризони расмӣ доир ба диссертатсияи Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович, Шокиров Туғрал Сироҷович доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Табаров Хайрулло Назарович, номзади илмҳои филологӣ,

дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон таъйин карда шаванд.

Ба сифати муассисаи пешбар комиссия Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро пешниҳод менамояд.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

Доктори илмҳои филологӣ: Султонов М.

Доктори илмҳои филологӣ: Қосимов О.

Доктори илмҳои филологӣ: Ҳомидов Д.

09. 02. 2021